Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илм
аз 28 июни соли 2019, № 7/16
тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои қабул**
**ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1.Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд: Қоидаҳои қабул), дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаҳои бакалавриат, магистратура, мутахассис ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

2.Қабул ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар шуъбаи рӯзона ба роҳ монда мешавад.

3.Ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ ва шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зинаҳои бакалавр ва ё мутахассисро хатм намудаанд қабул карда мешаванд.

4.Ҳамаи довталабон сарфи назар аз аслу насаб, ҷинс, забон, мансубияти нажодию миллӣ, вазъи иҷтимоию хусусиятҳои касбу кор, эътиқод, мазҳаб ва муносибат ба дин ва мансубияти ҳизбӣ барои таҳсил дар магистратура ҳуқуқи баробар доранд. Қабули довталабон дар зинаи магистратура то синни 35-сола ба амал бароварда мешавад.

5.Ҳангоми қабул ба магистратура мувофиқати соҳаи таҳсилот, самт (равия)-и таҳсилот ва гурӯҳи ихтисосҳои бакалавриат ва мутахассис, ки довталаб аз рӯи онҳо диплом дорад, ба ихтисоси зинаи магистратура тибқи «Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, №349 тасдиқ шудааст, муқаррар карда мешавад (Замимаи 1).

6. Агар дохилшавии довталаб ба магистратура ба вақти мактаби олиро хатм кардани ӯ рост ояд, ба сифати имтиҳони дохилшавӣ натиҷаи имтиҳони ҷамъбастии хатми муассисаи олии таълимӣ аз рӯи ихтисос ба ҳисоб гирифта мешавад (ба шарте, ки баҳои имтиҳони ҷамъбастии ихтисос аз баҳои “хуб” паст набошад).

Дар сурати мувофиқат намудани диплом ба соҳаи таҳсилот ва гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамуда, довталабон аз рӯи ихтисоси интихобнамудаашон реферат пешниҳод намуда, ба тариқи суҳбат аз озмун мегузаранд.

Агар дохилшавӣ ба магистратура пас аз як соли хатм сурат гирад, новобаста аз дипломи аъло довталабон имтиҳон месупоранд.

Ҳолати дигари қабул ба зинаи магистратура аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва ба роҳ монда мешавад.

7. Барои шахсоне, ки дипломҳои онҳо ба соҳаи таҳсилот ва самт (равия)-и таҳсилоти интихобнамудаашон мувофиқат дошта, аз гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамудаашон фарқият доранд, аз тарафи муассисаи таълимӣ ва илмӣ имтиҳонҳои ҳатмӣ аз маҷмуи фанҳои тахассусӣ, ки дар барномаи хатми бакалавриат ё мутахассис аз онҳо супурдани имтиҳони давлатӣ пешбинӣ шудааст, муқаррар карда мешаванд.

Аз рӯи натиҷаи суҳбат ва имтиҳони дохилшавӣ ба довталаб баҳо дода мешавад.

8.Нақшаи қабул ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи иҷозатнома (литсензия) оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимии муассисаҳо муқаррар карда мешавад.

9.Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон барои дохил шудан ба зинаи магистратура, ташкил ва гузаронидани озмуни қабули онҳо бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ректор (директор) мебошад.

10.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фақат бо доштани иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули довталабонро аз рӯи равия ва ихтисосҳои дахлдор расман эълон намояд (филиали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд мустақиман иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ дошта бошад).

11.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

12.Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи равия ва ихтисосҳо, теъдоди қабулро аз рӯи равия ва ихтисосҳо тариқи буҷавӣ ва шартномавӣ эълон намояд.

13.Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул ва комиссияи аттестатсионӣ аз 20 июн то 20 август ва муҳлати гузаронидани суҳбат ва имтиҳон аз 21 то 27 август таъин карда мешавад. Тамдиди муҳлати қабул ва гузаронидани суҳбату имтиҳонҳо танҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

14.Довталабон барои дохил шудан ба зинаи магистратура мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ, баъдидипломӣ ва Қоидаҳои мазкур ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ дар муҳлати муқарраргардида ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

-ариза ба номи ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ;

-дипломи намунаи давлатӣ бо замимааш дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (нусхаи асл);

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ дар хусуси фаъолияти корӣ вобаста ба самт, равия ва ихтисоси интихобкарда (агар бошад);

- 6 дона сурати андозаи 3 x 4 см;

- маълумотномаи тиббии шакли 038-у;

- шиноснома ё ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи шахсият.

15. Баъди аз суҳбати комиссия гузаштани довталаб барои қабул ба сафи донишҷӯён дар асоси қарори комиссияи қабул фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ба тасвиб мерасад.

16. Натиҷаи суҳбати комиссия дар протоколи махсус дарҷ мегардад (Замимаи 2).

17. Ҳаҷми маблағи таҳсил барои таълими шартномавӣ дар асоси қарори Шӯрои олимон (техникӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ муайян гардида, бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад ва дар Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ дарҷ мегардад.

18. Назорат аз болои фаъолияти кори комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдор ба амал бароварда мешавад.

19. Таъмин, риоя ва иҷрои Қоидаҳои қабули мазкур барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

20. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ вазифадоранд, ки аз натиҷаи фаъолияти кори комиссияи қабул ба магистратура ҳамасола ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 сентябр маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

*Замимаи 1.*

**Рӯйхати соҳаи таҳсилот, самт (равия)-и таҳсилот ва гурӯҳи ихтисосҳо**

| Рамз | Номи соҳа, самти таҳсилот ва гурӯҳҳои ихтисосҳо | Рамз аз рӯи СБТТ |
|---|---|---|
| А | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ПЕДАГОГИКА** | |
| **01** | **Самти таҳсилот: ПЕДАГОГИКАИ ДАВРАИ КӮДАКӢ** | |
| 01 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ | 141 |
| 01 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи шахсияти синни хурди мактабӣ | 141 |
| 01 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ | 141 |
| **02** | **Самти таҳсилот: ПЕДАГОГИКАИ СИННИ НАВРАСӢ ВА ҶАВОНӢ** | |
| 0201 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои таъриху диншиносӣ ва фалсафӣ | 141 |
| 02 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои фарҳангшиносӣ | 141 |
| 02 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои филологӣ ва забоншиносӣ | 141 |
| 02 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои биологӣ, ҷуғрофӣ ва химиявӣ | 141 |
| 02 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси фанҳои физика ва математика | 141 |
| 02 06 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тадриси технология | 141 |
| **03** | **Самти таҳсилот: ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ-СИННУСОЛӢ** | |
| 03 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Инкишофи эстетикӣ | 141 |
| 03 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҳсилот дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ | 141,81 |
| 03 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҳсилоти махсус | 141 |
| 03 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Дастгирии иҷтимоиву педагогӣ ва тиббию психологӣ | 141,31, 76 |
| В | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ПЕДАГОГИКА. ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ** | |
| **08** | **Самти таҳсилот: ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ** | |
| 08 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таҳсилотӣ касбӣ | 141,52, 54, 58, 62 |
| **09** | **Самти таҳсилот: ИДОРАКУНӢ ДАР СОҲАИ ТАҲСИЛОТ** | |
| 09 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Менеҷменти муассисаҳои таҳсилотӣ | |
| С | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: САНЪАТ ВА ДИЗАЙН** | |
| **15** | **Самти таҳсилот: САНЪАТИ ТАСВИРӢ. САНЪАТИ ОРОИШӢ- АМАЛӢ** | 21 |

| | | |
|---|---|---|
| 15 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати тасвирӣ | |
| 15 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати ороишӣ- амалӣ | |
| **16** | **Самти таҳсилот: САНЪАТИ МУСИҚАВӢ** | 21 |
| 16 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати мусиқавӣ | |
| **17** | **Самти таҳсилот: САНЪАТИ САҲНАВӢ ВА ЭКРАНӢ** | 21 |
| 17 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати театр, кино, радио ва телевизион | |
| **17 02** | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати хореографӣ | |
| 17 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Санъати эстрада ва сирк | |
| **18** | **Самти таҳсилот: ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ** | **21** |
| 18 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Эҷодиёти халқ | |
| **19** | **Самти таҳсилот: ДИЗАЙН** | |
| 19 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Дизайн | |
| **D** | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИ** | |
| **21** | **Самти таҳсилот: ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИ** | **22** |
| 2101 | Гурӯҳи ихтисосҳо:Илмҳои диншиносӣ | |
| 2102 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои фалсафӣ | |
| 2103 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои таърихӣ | |
| 2104 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои фарҳангшиносӣ | |
| 2105 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои филологӣ | |
| 2106 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои забоншиносӣ | |
| **E** | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: РОБИТАҲО, ҲУҚУҚ, ИҚТИСОДИЁТ, ИДОРА, ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛОТ** | |
| **23** | **Самти таҳсилот: Комуникатсияҳо** | **31,32** |
| 23 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Комуникатсияҳо | |
| 23 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Технологияи комуникатсияҳо | |
| **24** | **Самти таҳсилот: ҲУҚУҚ** | **38** |
| 24 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳуқуқ | |
| **25** | **Самти таҳсилот: ИҚТИСОДИЁТ** | **31,34** |
| 25 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Иқтисодиёт ва идора | |
| 25 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти молиявӣ | |
| 25 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳисоби муҳосибӣ ва назорат | |
| 25 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиҷоратӣ | |
| **26** | **Самти таҳсилот: ИДОРА** | **31,34** |
| 2601 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Идораи давлатӣ | |
| 2602 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Бизнес-идора | |
| 26 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Идораи захираҳои иттилоотӣ | |
| **27** | **Самти таҳсилот: ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛОТ** | |
| 27 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | |
| **G** | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ИЛМҲОИ ТАБИИ** | |
| **31** | **Самти таҳсилот: ИЛМҲОИ ТАБИӢ** | **42,44** |
| 31 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои биологӣ | |

| | | |
|---|---|---|
| 3102 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои географӣ | |
| 3103 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои математикӣ | |
| 3104 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Илмҳои физикӣ | |
| **44** | **Самти таҳсилот: ФАЪОЛИЯТИ НАҚЛИЁТӢ** | **52** |
| 44 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти нақлиётӣ зеҳнӣ | |
| **45** | **Самти таҳсилот: ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ** | **52** |
| 45 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъминоти телекомуникатсия | |
| **46** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ҶАНГАЛ** | **52,54** |
| 46 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Захира ва коркарди чӯб | |
| **47** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ПОЛИГРАФӢ** | **21** |
| 47 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Табъу нашр | |
| 47 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти полиграфӣ | |
| **48** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ КИМИЁВӢ** | **52,54** |
| 48 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти кимиёвӣ | |
| 48 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти биохимиявӣ ва микробиологӣ | |
| **49** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ** | **54,62** |
| 49 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти маҳсулоти хӯрока | |
| **50** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ САБУК** | **54** |
| 50 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти маҳсулот аз газворҳои бофта ва ғайрибофта | |
| 50 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсолоти маҳсулот аз масолеҳи чармин ва сунъӣ | |
| **51** | **Самти таҳсилот: САНОАТИ ИСТИҒРОҶИ КУҲИ** | **54** |
| 5101 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок | |
| 5102 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Коркарди конҳои канданиҳои фоиданок | |
| **52** | **Самти таҳсилот: НАМУДҲОИ ДИГАРИ ИСТЕҲСОЛОТ** | **21,54** |
| 52 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли бозичаҳо | |
| 52 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ | |
| 52 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли зарф | |
| 52 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Истеҳсоли экспозитсионӣ-рекламавӣ | |
| **53** | **Самти таҳсилот: АВТОМАТИКУНОНИ** | **54** |
| 53 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Автоматикунонии ҷараёнҳои технологӣ, истеҳсолот ва идора | |
| **54** | **Самти таҳсилот: ТАЪМИНИ СИФАТ** | - |
| 54 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Метрология, стандартикунонӣ, сертификатсионӣ.Ташхиси техникӣ. | |
| **55** | **Самти таҳсилот: НИЗОМҲОИ ЗЕҲНӢ** | |
| 55 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Низомҳои зеҳнӣ | |
| **56** | **Самти таҳсилот: ЗАМИНСОЗӢ, ГЕОДЕЗИЯ, ХАРИТАСОЗӢ ВА ТОПОГРАФИЯ** | **21,54,85** |
| 56 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Заминсозӣ | |
| 56 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Геодезия, харитасозӣ ва топография | |

| | | |
|---|---|---|
| **57** | **Самти таҳсилот: ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ** | **85** |
| 57 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳифзи муҳити зист | |
| **58** | **Самти таҳсилот: ЭРГОНОМИКА** | **85** |
| 58 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Эргономика дар низомҳои иттилоотӣ | |
| **59** | **Самти таҳсилот: ҲИФЗИ МЕҲНАТ** | **85** |
| 59 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳифзи меҳнат дар асоси бозомӯзӣ | |
| **J** | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН** | |
| **69** | **Самти таҳсилот: МЕЪМОРИ** | **58** |
| 69 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Меъморӣ | |
| **70** | **Самти таҳсилот: СОХТМОН** | **58** |
| 70 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулот ва конструксияҳо | |
| 70 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Биноҳо ва иншоот | |
| 70 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Роҳҳо ва дигар объектҳои нақлиётӣ | |
| 70 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Низоми хоҷагии об ва гармидиҳӣ | |
| 70 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Қубурҳои газу нафт ва нигоҳдории газу нафт | |
| **К** | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: КИШОВАРЗӢ ВА ҶАНГАЛ. БУНЁДИ ИСТИРОҲАТГОҲҲО** | |
| **74** | **Самти таҳсилот: КИШОВАРЗИ** | **62, 64** |
| 74 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Менеҷменти кишоварзӣ | |
| 74 02 | Гурӯҳи ихтисосҳ: Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ | |
| 74 03 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Чорводорӣ, моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ | |
| 74 04 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Сохтмони деҳот ва ободкории минтақа | |
| 74 05 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Обёрӣ ва хоҷагии об | |
| 74 06 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Агромуҳандисӣ | |
| **75** | **Самти таҳсилот: ҲОҶАГИИ ҶАНГАЛ ВА БУНЁДИ ИСТИРОҲАТГОҲҲО** | **62** |
| 75 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Хоҷагии ҷангал | |
| 75 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: ва бунёди истироҳатгоҳҳо | |
| **L** | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ТАНДУРУСТӢ** | |
| **79** | **Самти таҳсилот: ПЕШГИРӢ, ТАШХИС, ТАБОБАТ, ОФИЯТ ВА ТАШКИЛИ ТАНДУРУСТӢ** | **72** |
| 79 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ | |
| **80** | **Самти таҳсилот: ТАЪМИНОТИ ТЕХНИКИЮ ЛАБОРАТОРӢ** | **72** |
| 80 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъминоти техникӣ | |
| 80 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъминоти лабораторӣ | |
| **81** | **Самти таҳсилот: ФАЪОЛИЯТИ ТИББӢ ВА ДОРУСОЗӢ ДАР АСОСИ ТАҲСИЛОТИ БАЪДИДИПЛОМӢ** | **72** |
| 8101 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиббӣ ва дорусозӣ дар асоси бозомӯзии аввалин (коромӯзӣ) | |

| | | |
|---|---|---|
| 8102 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиббӣ ва дорусозӣ дар асоси бозомӯзии мутахассисон | |
| 8103 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти тиббӣ ва дорусозӣ дар асоси бозомӯзии иловагӣ (ординатураи дармонгоҳӣ( клиникӣ) | |
| M | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ҲИФЗИ ИҶТИМОИ** | **76** |
| **86** | **Самти таҳсилот: ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ** | |
| 8601 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳифзи иҷтимоӣ | |
| N | **СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ. САЙЁҲӢ ВА МЕҲМОННАВОЗӢ** | **81** |
| **88** | **Самти таҳсилот: ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ** | |
| 88 01 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Тарбияи ҷисмонӣ | |
| 88 02 | Гурӯҳи ихтисосҳо: Варзиш | |
| **89** | ***Самти таҳсилот: САЙЁҲӢ. МЕҲМОННАВОЗӢ*** | |
| 89 01 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ* | |
| 89 02 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Сайёҳӣ* | |
| 89 03 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Меҳмоннавозӣ* | |
| O | ***СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ХӮРОКИ УМУМӢ, ХИЗМАТИ МАИШӢ*** | **81** |
| **91** | ***Самти таҳсилот: ХӮРОКИ УМУМӢ, ХИЗМАТИ МАИШӢ*** | |
| 9101 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Хӯроки умумӣ* | |
| 9102 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Хизмати маишӣ* | |
| P | ***СОҲАИ ТАҲСИЛОТ: ХАДАМОТИ БЕХАТАРӢ*** | |
| **93** | ***Самти таҳсилот: ҲИФЗИ ШАҲРВАНДОН, МОЛИКИЯТИ ШАХСӢ ВА ДАВЛАТӢ*** | |
| 93 01 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Хифзи шаҳрвандон,моликияти шахсӣ ва давлатӣ* | **86** |
| **94** | ***Самти таҳсилот: ҲИМОЯ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА*** | |
| 94 01 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодда* | **86** |
| 94 02 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъмини бехатарӣ* | **86** |
| **95** | ***Самти таҳсилот: КОРИ ҲАРБӢ*** | |
| 95 01 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Идораи воҳидҳои ҳарбӣ ва таъмини фаъолияти намудҳои қӯшунҳои ҳарбӣ* | |
| 95 02 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти ҳарбӣ- муҳандисӣ* | **86** |
| 95 03 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Фаъолияти штабӣ* | **86** |
| **96** | ***Самти таҳсилот: АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ*** | |
| 96 0! | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъмини амнияти иқтисодӣ* | |
| **97** | ***Самти таҳсилот: АМНИЯТИ ДАВЛАТӢ*** | |
| 97 01 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Таъмини амнияти давлатӣ* | |
| **98** | ***Самти таҳсилот: АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ*** | |
| 98 01 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Ҳимояи иттилоот* | |
| **99** | ***Самти таҳсилот: МУОИНАИ СУДӢ*** | |
| 99 01 | *Гурӯҳи ихтисосҳо: Муонинаи тиббию судӣ дар асоси бозомӯзӣ* | |

Замимаи 2.

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Номгӯи муассисаи таълимӣ ва илмӣ**

**ПРОТОКОЛИ №______(рт/сол)**
**оид ба гузаронидани суҳбат барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура**

Бо довталаб ________________________________________________
*(ному насаб)*
дар таърихи «_______» __________ соли 20____ дар комиссияи қабули
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
*(номи муассисаи таълимӣ ва илмӣ)*

Ба комиссияи қабул тибқи «Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои таҳсил ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд.

**Аз он ҷумла:**

1. Диплом (___________________________) дар бораи хатми донишгоҳи (донишкадаи) ____________________________________________________
___________________________________________________________________
бо ихтисоси _____________________________________________________
2. Ба довталаб саволҳо аз рӯи ихтисос ва фанҳои тахасусӣ дода шуд (саволҳо бо ҷавобҳояш ҳатман замима гардад).

**Комиссияи қабул аз рӯи суҳбат чунин хулоса баровард:**

1. Сатҳи дониши довталаб дар асоси саволу ҷавоб _________________
_______________________________________________________ ҳисобида шавад.
*(қаноатбахш, ғайриқаноатбахш)*

2. Тибқи «Қоидаҳои қабул дар зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба сафи донишҷӯёни соли аввали магистратура, шӯъбаи рӯзонаи шакли таҳсили _________________
*(буҷавӣ, шартномавӣ)*
ихтисоси _______________________________________________________________
_______________________________________________________ қабул карда шавад.

Раиси комиссияи қабул: ______________ ____________________________

Аъзои комиссияи қабул: ______________ ____________________________

______________ ____________________________

______________ ____________________________